# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи Сайдамадзода Ҳусноро, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ба масъалаи ниҳоят муҳими муҳити муосири таълиму тарбия иртибот дорад. Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ниёз ба тарбияи шаҳрвандони дорои худшиносии миллӣ ва эҳсоси масъулияти ватандорӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад.

Дар раванди таҳқиқ, Сайдамадзода Ҳусноро кӯшиш намудааст, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии наврасонро на танҳо дар доираи ҷашну маросими миллӣ, балки дар робита бо талаботи нави низоми миллии маориф ва таҷрибаи воқеии муассисаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар сарнавишти миллати тоҷик бояд ҳамчун арзишҳои табиӣ ва ҷудонашавандаи фарҳангӣ-педагогӣ дониста шаванд. Ҷашну маросими миллие, ки аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд ва дар марҳалаҳои муайяни таърихии рушди ҷомеа тағйир ёфтаанд, аз худ карда шуда, бо мазмуни нав, дар робита бо унсурҳои фарҳангии тамаддунҳои дигар ва дар ин замина дар анъана ё ҷашнҳои мустақили миллӣ ё асосҳои динӣ ташаккул меёбанд.

Эҳёи падидаҳои фарҳанги куҳан ва ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ барои мардуми тоҷик имконоти мусоид фароҳам овард, то дар амри руҷӯъ ба таърихи гузашта ва зинда гардонидани бузургдошти мероси моддиву маънавии хеш талош варзад.

Автореферат бо риояи сохтори мантиқӣ таҳия гардида, дар он ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, гипотеза ва методология равшан ва

дақиқ баён гардидаанд. Муаллиф дар оғози таҳқиқот ҳадафи мушаххас — таҳқиқ ва муайянсозии шароити иҷтимоӣ-педагогии таъсиргузор ба ташаккули ватандӯстӣ дар наврасон тавассути захираҳои этнопедагогӣро пеш мегузорад.

Мутобиқи ин ҳадаф, вазифаҳои илмӣ бо пайдарпайии мантиқӣ ҷудо гардида, аз омӯзиши заминаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ то ташкили марҳилаҳои озмоишӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ фаро мегиранд.

Муаллиф дар ҷараёни кори худ аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили манбаъҳои адабӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва озмоишҳои амалии педагогӣ истифода бурдааст.

Омӯзиши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи пайдоиш, моҳият ва нақши ҷашнҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ ба афзоиши ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги умумӣ мусоидат менамояд. Ин амал ба таъмини ворисияти наслҳо ва ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ равона шудааст.

Тарғиби анъанаҳои пешқадам дар муассисаҳои таълимӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон ва Сада, имкон медиҳад, ки ҷавонон бо арзишҳои асили фарҳанги тоҷик шинос шуда, аз таърихи пурифтихори халқи худ огоҳ гарданд. Инчунин, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, гузаронидани озмунҳо ва намоишҳо дар асоси анъанаҳои миллӣ ба ташаккули шахсияти комил ва ватандӯст мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро таҳқиқоти илмии мустақили мукаммал мебошад, ки ба талаботи КОА ҷавобгӯ аст. Муаллиф масъалаи муҳими ташаккули ватандӯстии наврасонро дар заминаи арзишҳои фарҳанги миллӣ ба таври амиқ таҳқиқ намуда, барномаи амалии тарбиявиро таҳия ва озмоиш намудааст.

Тадқиқот барои илми педагогика ва амалияи мактабии кишвар арзиши воқеӣ дошта, метавонад ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳо, дастурҳои методӣ хизмат кунад.

Бо дарназардошти муҳтавои илмӣ, сохтори мантиқӣ ва натиҷаҳои назариявию амалӣ кори илмию таҳқиқотии Сайдамадзода Ҳусноро сазовор барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои илм ва
инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф Собирзода Сафарбек

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Собирзода Сафарбекро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода